# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович дар мавзуи «Саҳобии Астарободӣ ва осори адабии ӯ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик .– Душанбе, 2023.– 25 саҳ.**

Мавлоно Камолиддин Саҳобии Астарободии Наҷафӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик яке аз чеҳраҳои намоён маҳсуб мегардад. Алалхусус, бо сурудани рубоиҳои ирфонӣ ва фалсафию ахлоқиаш дар асри XVI ва аввали асри XVII машҳур аст. Мавсуф дар навъҳои рубоӣ, ғазал, маснавӣ ва наср (рисолаи "Урват-ул-вусқо") эҷод намуда, номи худро дар саҳифаи таърих сабт кардааст. Рубоиёти шоир дорои мазмуни ирфонию фалсафӣ буда, аз ҷиҳати нигориш ва санъатҳои бадеӣ аз дигар шоирони рубоисаро то андозае фарқ мекунад. Тавре ки муаллиф дар таҳқиқоташ зикр кардааст, дар рубоиёти Саҳобӣ як ҷаззобияти махсусе нуҳуфтааст, ки хонадаро ба худ ҷалб менамояд ва ба андеша кардан водор менамоянд.

Ҳамчуноне ки аз муҳтавои фишурдаи диссертатсияи Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович бар меояд, он ба таҳқиқи рӯзгору осори Мавлоно Саҳобӣ бахшида шудааст. Он аз се боб, ҳашт фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, вобаста ба талаботи таҳқиқ ҳар як фасл ба зерфаслҳо ҷудо карда шудааст.

Дар муқаддима маҷмуан аҳаммиятнокии таҳқиқ собит шуда, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва қисмати тавсифи умумии таҳқиқ аз мақсади таҳқиқ, вазифаҳои таҳқиқ, объект ва сарчашмаҳои таҳқиқ, предмети таҳқиқ, асосҳои назарии таҳқиқ, навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия мувофиқ ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос гардидааст.

Нахустин боби диссертатсия "Зиндагӣ ва мероси адабии Саҳобии Астарободӣ" ном дошта, иборат аз ду фасл аст. Дар фасли аввал "Рӯзгори Саҳобии Астарободӣ" зина ба зина рӯзгори шоир мавриди таҳқиқ қарор гирифта, муаллиф лаҳзаҳои муҳимми ҳаёти шоирро то лаҳзаи мавофоташ таҳқиқ намудааст. Фасли дуюми ин боб "Осори адабии Саҳобии Астарободӣ" ном дошта, муаллиф дар он теъдоди осори шоир, шумораи абёт, ғояҳои адабию фалсафии онҳоро зикр намуда, Саҳобии Астарободиро дар таърихи адабиёти тоҷик шоире зикр кардааст, ки рубоии зиёд сурудааст. Ба таъкиди довталаб "то замони мо аз ӯ 6 255 рубоӣ расида, ки дар таърихи адабиёт беназир аст" (авт., саҳ, 12). Ҳамингуна, андешаҳои нави илмӣ дар боби мазкур зиёд ба чашм мерасад.

Боби дуюм “Мавзуъ ва мундариҷаи ғазалиёти Саҳобӣ” ном дошта, аз чор фаслу се зерфасл иборат аст. Фасли нахустини боб “Ғазал ва анъанаи ғазалсароӣ” ном дошта, муаллиф дар такя ба таҳқиқоту назариёти А. Мирзоев, А. Афсаҳзод, М.Л. Рейснер, Шиблии Нуъмонӣ, Зайнулобиддини Муътаман ва дигарон пайдоиши ғазалро аз змони устод Рӯдакӣ то ба замони Саҳобӣ таҳқиқ кардааст. Ба назари муаллиф, Саҳобӣ дар аҳди худ дар баробари рубоисаро будан, ҳамчунин ғазалсаро низ эътироф шудааст. Дуюмин фасли боби мазкур “Мавзуъ ва муҳтавои ғазалиёти Саҳобии Астарободӣ” буда, он аз зерфаслҳои “Мавзуи ишқу ошиқӣ”, “Панду ҳикмат”, “Мавзуъҳои дигар” иборат аст. Тавре аз зерфаслҳо маълум аст, дар ин фасл муҳтавои ғазалиёти шоир ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Вижагиҳои ғазалиёти Саҳобӣ дар фасли “Бархе аз вижагиҳои ғазалиёти Саҳобии Астарободӣ”-и ин боб дар асоси осори шоир таҳқиқу пешниҳод шудаанд. “Таъсирпазирии Саҳобии Астарободӣ аз пешиниён” фасли ниҳоии боби дуюм буда, дар он таъсирпазирии шоир аз Ҳофиз, Саъдӣ, Хайём, Ҳилолӣ бо далоили муътамад исбот шудааст.

Боби охирини диссертатсия “Рубоиёти Саҳобӣ ва мавзуву муҳтавои онҳо” ном дошта, аз ду фаслу се зерфасл иборат аст. Фасли якум “Мавзуъ ва муҳтавои рубоиёти Саҳобӣ” унвон гирифта аз се зерфасл иборат аст. Зерфасли аввал “Андешаҳои иҷтимоӣ дар рубоиёти шоир”, дуюм “Андешаҳои ирфонӣ дар рубоиҳои Саҳобӣ” ва сеюм “Андешаҳои ахлоқӣ дар рубоиёти шоир” номгузорӣ шудаанд. Дар фасли дуюми рисола ҷанбаҳои забонӣ, истифодаи баъзе санъатҳои бадеию ибораҳои рехта мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Хулосаи диссертатсия аз 19 нукта иборат буда, муаллиф мушаххасан таҳқиқоти ба анҷом расонидаашро ҷамъбаст намудааст. Доир ба мавзуъ муаллиф 15 мақола интишор кардааст, ки 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мунташир шудаанд.

Дар воқеъ, заҳматҳои муҳаққиқ лоиқи таҳсин аст, зеро диссертатсия дорои аҳамияти баланди илмӣ буда, таълифи он қадами нахустин дар шинохти Саҳобии Астарободӣ маҳсуб мегардад. Муаллиф кӯшиш кардааст, ки ҷойгоҳи шоирро дар таърихи адабиёти форсу тоҷик муайян намояд. Дар баробари муваффақиятҳо дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ба назар мерасад, ки, ба фикри мо, ислоҳи онҳо ҳусни таҳқиқро меафзояд. Аз ҷумла:

1. Хуб мешуд, ки рубоиёти шоир дар боби дуюм ва ғазалиёташ дар боби сеюми диссертатсия баррасӣ мегардиданд, зеро жанри рубоӣ дар осори Садобии Астарободй мавқеи аввалиндараҷа дорад
2. Муқаддимаи диссертатсия тӯл кашидааст, муаллиф метавонист мушаххасан мақсадашро изҳор намояд.

Эродҳои мазкур ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро паст намегардонанд, зеро онҳо тавсиявӣ буда, ислоҳашон қимати таҳқиқро болотар менамояд.

Аз сохтори автореферат маълум мегардад, ки диссертатсия низ аз нигоҳи сохтор ва фарогирии мавзуи таҳқиқ комилан ба талаботи илмӣ мувофиқ аст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф ба талаботи навиштани диссертатсия ошноии хуб дорад.

Навгонӣ ва муҳтавои диссертатсияи Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷоновичро дар мавзуи «Саҳобии Астарободӣ ва осори адабии ӯ»-ро мутолиа намуда, метавон гуфт, ки он комилан ҷавобгӯи меъёрҳои илмӣ буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 01. - Адабиёти тоҷик сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
**директори Муассисаи давлатии**
**"Муҷтамаи ҷумҳуриявии осорхонаҳои Кӯлоб"**
**номзади илми филология,**

**Асозода Ҳ. Р.**

1-уми июни соли 2023.

**Имзои Асозода Ҳ. Р.-ро**
**тасдиқ мекунам:**
**Сардори РК КМ-и ДДК**
**ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ:**
**Амиров Ф.**

Ҷ.М.

КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16.
Тел.: 2-35-06, 2-35-09.
E-mail: info@kgu.tj, www.kgu.tj

1-уми июни соли 2023.